*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(Суроға: кӯчаи Нахимов 64/14, Душанбе,*
*Тоҷикистон, 734067, Почтаи электронӣ: www.tgfeu.tj)*

**Тақриз**

**Ба автореферати диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дар мавзуи «Ҷанбаҳои молиявии истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи иҷтимоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)**

Агарчи иқтисодиёти Тоҷикистон солҳои охир тамоюли рушдро касб намудааст, механизми молиявию иқтисодии шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) дар соҳаи иҷтимоӣ ва зерсохтори он ҳанӯз номукаммал аст. Имрӯз барои аксари минтақаҳои кишвар беҳтар кардани сифат ва дастрасии хизматрасониҳои иҷтимоӣ мушкили муҳим боқӣ мемонад. Дар баробари зарурати таъсис ва навсозии зерсохторҳо, масъалаҳои мубраме чун такмили низоми кадрӣ, равандҳои технологӣ, амалиёти молиявӣ ва методологияи пешниҳоди хизматрасониҳо ба миён омадаанд.

Аз ин рӯ, автореферати диссертатсияи Наботзода Парниён Ҷумъахон дорои аҳамияти илмиву амалӣ аст. Дар шароити муосир, вазъияти мураккаби геополитикии ҷаҳон ва таъсири омилҳои беруна ба иқтисодиёти кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта таҳдидҳои ҷиддӣ эҷод мекунанд. Дар ин замина, рушди институти шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) ҳамчун механизми самарабахши танзим ва таҳкими сохтории иқтисоди миллӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Гузариш ба иқтисодиёти саноатӣ-инноватсионӣ, ки ба технологияҳои иттилоотӣ такя менамояд, дар ҳама соҳаҳо ҳамкории ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи амиқи илмии ҷанбаҳои молиявии ШДБХ барои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, муайян кардани афзалиятҳои сиёсати иҷтимоии давлат ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии кишвар

мусоидат хоҳад кард. Аз ин лиҳоз, автореферати мавриди баррасӣ хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) дар соҳаи иҷтимоӣ яке аз самтҳои мубрами сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, дар баробари муассисаҳои давлатӣ, ҷалби ширкатҳои хусусӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ зарур аст. Ба ақидаи муаллиф такмили асосҳои назариявӣ ва методологии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМР-2030) аҳамияти саривақтӣ дорад. Ин раванд ба боло рафтани нақши ташкил ва идораи самарабахши соҳаи иҷтимоӣ дар шароити муосир мусоидат менамояд.

Аз рӯи шакл ва мундариҷаи автореферати баррасишаванда, онро метавон як таҳқиқоти пурраи илмӣ ҳисобид, ки аз рӯи ҳама ҷанбаҳои асосии худ ба талабот барои диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯй аст.

Бо вуҷуди ин, дар асар якчанд камбудиҳо мавҷуданд, ки асосии онҳо инҳоянд:

1) Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки бахши хусусӣ барои иштирок дар лоиҳаҳои иҷтимоӣ он қадар хоҳишмандӣ надорад.

2)Ҳангоми таҳқиқ ва таҳлилу мушоҳидаҳо маълум гардид, ки ҳамкориҳои бахшҳои давлативу хусусӣ ҳамчун як механизми махсус ва як ниҳоди иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити имрӯза фаъолият намуда истодааст. Аммо дар идомаи таҳқиқ фикри муаллиф тағийр ёфтааст?

Ҳамаи эродҳои дар боло зикршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва баҳои умумии мусбати автореферaтро паст намекунанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашршуда мундариҷаи таҳқиқоти анҷомшударо пурра таҷассум менамоянд. Аз ин рӯ, дар асоси автореферати пешниҳодшуда, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи

Наботзода Парниён Ҷумъахон як таҳқиқоти пурра ва мустақили илмӣ буда, натиҷаҳои он татбиқи амалии худро пайдо кардаанд, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пурра мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 -Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
дотсенти кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Ҳасанов А.Р.

“ ” соли 2026

**Ҳасанов Абдураҳим Раҳмонович**, тел.: 992919298869
E-mail:ab10101959@шail.ru

Имзои н.и.и., дотсент А.Р. Ҳасановро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва назорати ДТТ** **Абдуназаров А.Ҷ.**

Маълумот барои тамос ва суроғаи муассиса: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Н.Карабоев 63/3, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон